# Аммоус

**КАЛИДИ ЗАРРИН**

Беверлӣ Содерҳолм

# ПЕШГУФТОР

Хонандаи меҳрубон, шояд тавре шуд, ки ту дар пеши дари хонае



истода, ба он хона даромадан хостӣ, вале он дар баста буд. Афсус хӯрдӣ, ки дар дастат калид набуд. Дар ин ҳолат чӣ кор кардӣ? Мумкин пушаймон шуда, боз рафтӣ.

Оё ту медонистӣ, ки Китоби Муқаддас мисли хона ва муқовааш мисли дараш бошад, ва касе ки дохил шудан, яъне Онро фаҳмидан хоҳад, бояд калид – калиди заррин - дошта бошад.



Акнун ин дафтарро ҳамчун калид ба ту барои "даромадан ба хонаи ҳақиқатҳо" пешкаш мекунем.

Дар бораи чизе ки мехонӣ, хуб фикр кун, ва ин тавр мефаҳмӣ, ки Исои Масеҳ чӣ хушхабаре шахсан барои ту дорад.

Ин дафтар яке аз ҷумлаи курсҳои мактаби Тавроту Инҷил "Аммоус" аст, ки маҳз ба кӯдакону наврасон ёрдам мерасонанд. Ному насабатро навишта ва чистонҳоро пур карда, дафтарро ба дастурдиҳандаат ё муаллими мактаби якшанбегият гардонда деҳ. Ӯ онро тафтиш мекунад ва баҳо мегузорад. Ба қисми саволҳо дар охири китобча диққат деҳ. Ҳар як саволро айнан бихон. Сипас дар ҷои холии тарафи рост ҳарферо, ки дар рӯ ба рӯи ҷавоби дуруст аст, навис. Баъди бо баҳоҳои 3 то 5 тамом намудани се курс ба ту ифтихорнома медиҳем.



Акнун ба пеш!

Дарси 1

## КИТОБИ МУҚАДДАС

“Китоби Муқаддас бузургтарин китоби ҷаҳон аст”.

ŇũťŤŧŞŮ8 ÍŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŨ ūŤţ, ŇŞťŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖƸŞ ŧŖŘŤšŞŞ / ŭŖŘŤŗ Śśĭ,

“Мо имсол дар мактаб китобҳои нави таърих дорем!” – гуфт Рауф, – “ва китобҳои нави илмӣ!”
“Хуб!” – гуфт Давлат. “Китобҳои пештара оиди кашфиётҳои нав чизе надоранд”.
“Ҳа, масалан оиди ҳавопаймоҳои реактивӣ ва бомбаҳои атомӣ”, – гуфт Шӯҳрат. “Пас, китобҳои дарсии шумо кӯҳна шудаанд. Дӯстон, оё оиди Китобе ки ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешавад, медонед?”
Ин суханонро Тоҳир-амак мегуфт. Ӯ ҳамеша бачагонро ба фикр кардан водор менамуд.
“Ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешавад?” – гуфт Рауф. “Он чӣ китобест?”
“Хайр, ин чӣ китобе будааст?” – гуфт Шӯҳрат.



“Ман медонам, ман медонам”, – гуфт Давлат. “Он Китоби Муқаддас аст!”
“Дуруст”, – гуфт Тоҳир-амак. “Китоби Муқаддас ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешавад”. Ин суханон бачаҳоро водор намуданд, ки ба фикр фурӯ раванд. Онҳо ба Тоҳир-амак бисёр саволҳо доданд.

## КИТОБИ МУҚАДДАС ЧИСТ?

Китоби Муқаддас бузургтарин китоб дар тамоми ҷаҳон аст. Он аз ҳамаи китобҳои дигар фарқ мекунад. Он суханони Худо ба одамон аст. Китоби Муқаддас аз 66 китоби гуногун иборат аст, ки чун як китоб якҷоя карда шудаанд. Ин як китоб ба ду қисм ҷудо карда шудааст. Паймони Куҳан (=Таврот) 39 китоб дорад, Паймони Навин (=Инҷил) бошад 27 китобро дар бар мегирад.

**Дар ин ҷо кадом калимаҳо пинҳон мебошанд?**








## КӢ КИТОБИ МУҚАДДАСРО НАВИШТААСТ?

Оё шумо ягон вақт андеша кардаед, ки Китоби Муқаддасро кӣ навиштааст? Он бисёр солҳо пеш навишта шудааст. Қариб 40 нафар одамони гуногун суханонро навиштаанд. Аммо суханон ба таври аз китобҳои дигар фарққунанда навишта шудаанд. Дар Китоби Муқаддас чунин гуфта шудааст: “Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист” (2 Тим. 3:16а). Китоби Муқаддас бо илҳоми илоҳӣ навишта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки Худо одамонро ҳангоми навиштани он роҳнамоӣ мекард. Ҳамин тариқ ҳақиқатан Худо Китоби Муқаддасро навиштааст. Ҳама чиз дар Китоби Муқаддас сабти дурусти суханони  Худост.

Ягон китоби дигар дар ҷаҳон бо илҳоми Худо навишта нашудааст ва навишта нахоҳад шуд. Китоби Муқаддас ягона китобест, ки каломи Худост. Китоби Муқаддасро бо иззату эҳтиром хондан лозим аст.

## КИТОБИ МУҚАДДАС ОИДИ ЧИСТ?

Китоби Муқаддас оиди Исои Масеҳ аст. Таврот пеш аз зода шудани Исои Масеҳ навишта шудааст. Он оиди омадани Масеҳ мегӯяд. Инҷил баъди зода шудани Исо навишта шудааст. Чор китоби  Он ба мо оиди ҳаёт ва марги Ӯ ва оиди хости Ӯ дар мавриди бовар  ва зиндагии мардум нақл мекунанд.



**Оё номҳои нависандаҳои Инҷилро медонӣ?** ***(4 ном)***

МАТТО - МАРҚӮС - ЛУҚО - ЮҲАННО

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ю | Ҳ | У | М | Қ | А | Ю |
| М | А | Т | Т | О | Н | Ҳ |
| Р | Л | М | Л | Р | Н | А |
| Қ | У | Н | М | У | С | Н |
| Л | С | О | Т | Ҳ | Қ | Н |
| М | А | Р | Қ | У | С | О |

КИТОБИ МУҚАДДАС БАРОИ КӢ НАВИШТА ШУДААСТ?

Китоби Муқаддас барои ту навишта шудааст. Он барои ҳамаи одамон навишта шудааст. Худо мехоҳад, ки ҳамаи мардум Китоби Муқаддасро хонанд ва омӯзанд. Он ягона роҳест барои донистани ҳақиқати Худо.

ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Тамоми Навишта аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст” (2Тим. 3:16).



Дарси 2

# ХУДО

“Худо дар ҳама ҷост”.

| |
|---|
| ŇũťŤŦŞŮ8 ĺ ŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŰ ūŤţ, ŇŞťŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖƸŞ ŧŖŘŤšŞŞ 0 ŭŖŘŤŗ Śśĭ, |

Тоҳир-амак ба Шӯҳрат гуфт, ки танҳо як Худо ҳаст. Ӯ гуфт, ки дар Китоби Муқаддас чунин навишта шудааст: “Зеро ки Худо ягона аст” (1Тимотиюс 2:5а).

“Як Худо дар се Шахсият ҳаст” , – гуфт Тоҳир-амак, – “ва ин Ваҳдати Сегона номида мешавад. Ин се Шахсият Падар, Писар, ва Рӯҳи Пок мебошанд. Ин се Шахсият як Худо мебошанд”. Шӯҳрат нафаҳмид. Ҳангоме ки вай ва Тоҳир-амак аз болои барфи ғарч-ғарчкунанда мерафтанд, Тоҳир-амак фаҳмонд.

“Шӯҳрат, ин барфро мебинӣ? Он дар асл об аст, магар не? Ва ҳамин тариқ ях ва буғ низ об мебошанд. Ҳар яки инҳо аз ҳам фарқ доранд, аммо ҳамаашон об ҳастанд. Падар, Писар, ва Рӯҳи Пок аз ҳам фарқ доранд, аммо се Шахсият танҳо як Худо мебошанд. Фаҳмидани ин барои ҳар яки мо душвор аст, Шӯҳрат, лекин мо метавонем ба он бовар кунем”.

Ва Шӯҳрат барои чунин Худои бузург хеле шод буд. Вай мехост дар бораи Худо бештар донад.



## ОЁ ХУДО АЗ ЗАМИН ҚАДИМТАР АСТ?

Ин замине ки мо дар он зиндагӣ мекунем, пештар, чандин солҳо муқаддам вуҷуд надошт. Офтоб, моҳ, ва ситораҳо низ набуданд. Дар ҳама ҷо танҳо фазо буд. Аммо Худо буд. Худоро ҳеҷ кас наофаридааст. Ӯ ҳамеша буд. Каломи Худо инро ба мо мегӯяд: “Пеш аз он ки кӯҳҳо таваллуд ёбад, ва замин ва дунё самар оваранд, аз азал то абад Ту вуҷуд дорӣ, эй Худо” (Забур 89:2). Худо ҷовидон аст. Ӯ саршавӣ надорад ва охир ҳам нахоҳад дошт. Худо ҳама чизро офаридааст.



## ХУДО ЧӢ ГУНА АСТ?

Худо муқаддас аст. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ пок ва бегуноҳ аст. Дар Ишаъё 6:3а гуфта шудааст: “Қуддус аст, қуддус аст, қуддус аст Худованди лашкарҳо” (яке аз номҳои Ӯ). Бар хилофи мо, Худо ҷисм надорад. “Худо Рӯҳ аст” (Юҳанно 4:24а). Мо Худоро дида наметавонем. “Худоро ҳеҷ гоҳ касе надидааст” (Юҳанно 1:18а). Аммо Ӯ ҳама чизро мебинад. Ӯ туро мебинад. Ӯ дар ҳама ҷост.

Худо ҳама чизро медонад. Ӯ ҳама кори мехостаашро карда метавонад. Худо одил ва росткор аст. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ кори дурустро мекунад. Бинобар ин Ӯ гуноҳро ҷазо дода метавонад.

Худо амин ва бовафост. Ӯ ҳамеша кореро ки карданашро ваъда дод, ба ҷо меоварад (1Таслӯникиён 5:24). Худо ҳамчунин муҳаббат аст. Ӯ ҳамаро дӯст медорад.

**Оё ту медонӣ, ки Худо чӣ хел мебошад ?**
*Ҳарфи гумшударо бичӯй.*







МО ОИДИ ХУДО БОЯД ЧӢ ФИКР КУНЕМ?

“Кист мисли Ту, эй Худованд, дар миёни худоён? Кист мисли Ту азимулқадр дар қудсият? Ту аз ҳар мадҳ болотарӣ, эй Офаридгори мӯъҷизот!” (Хуруҷ 15:11).
Монанди Худо ҳеҷ касе нест. Ва мо бояд Ӯро иззату эҳтиром намоем ва дӯст дорем.

**Оё оятро меёбӣ?**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| = А | = Б | = В | = Г | = Ғ | = Д | = Е |
| = Ё | = Ж | = З | = И | = ӣ | = Й | = К |
| = Қ | = Л | = М | = Н | = О | = П | = Р |
| = С | = Т | = У | = Ӯ | = Ф | = Х | = Ҳ |
| = Ч | = Ҷ | = Ш | = ъ | = Э | = Ю | = Я |



ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН:
Зеро ки Худо ягона аст” (1Тимотиюс 2:5а)

Дарси 3

## ОДАМ

“Одам ба сурати Худо офарида шудааст”

| |
|---|
| Ňũťľ̌ŦŞŮ8 ĺŖŦŧŦľ̌ ŗľ̌ ŚŞǮǮŖŰ ūľ̌ţ, ŇŞťŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖǮŞ ŧŖŘľ̌šŞŞ 1 ŭŖŘľ̌ŗ Śśĭ, |

“Падари ман аз падари ту боқувваттар аст”.
“Хуб, падари ман аз падари ту калонсолтар аст”.
Давлат ва Шӯҳрат боз бо ҳам баҳс мекарданд. Агарчи онҳо дӯстони хуб буданд, баҳс карданро дӯст медоштанд.
“Бобои ман бошад аз бобои ту калонсолтар аст”.
“Бобои бобои ман бошад аз .......”.
“Аммо бобокалони бобокалони ман аз.....”. Баногоҳ ҳар дуи онҳо бозистоданд.



“Бигӯ”, – гуфт Шӯҳрат, – “ман танҳо донистан мехоҳам, ки ин чӣ қадар вакт пеш буд”.
– “Ҳа, ман бошам донистан мехоҳам, ки одами аввалин аз куҷо омадааст. Биё аз Тоҳир-амак мепурсем”. Ва онҳо давида рафтанд.

Тоҳир-амак ҳамаи он чиро, ки онҳо гуфтанд, гӯш кард.

Ӯ Китоби Муқаддаси худро аз миз гирифт, ва ҳамроҳи бачаҳо нишаст. Давлат ва Шӯҳрат аз Тоҳир-амак қиссаи дигареро шунидани буданд.

"Агар шумо оиди пайдоиши одами аввалин донистанӣ бошед, бояд ба Китоби Муқаддас рӯ овард. Китоби якуми он Ҳастӣ аст. Ҳастӣ ба мо оиди он мегӯяд, ки одамро Худо офарид. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: Ва Худованд Худо одамро аз хоки замин бисиришт (Ҳастӣ 2:7а). Одам аз ҳайвонот пайдо нашудааст. Ҳайвонот ба сурати Худо офарида нашудаанд".



*Худо одамро офарид*




## ОДАМ БА КӢ МОНАНД АСТ

Одам ба сурати Худо офарида шудааст. Ин маънои онро дорад, ки Худо одамро ба Худаш монанд офаридааст. Одам ба Худо монанд аст, зеро ҳам Худо ва ҳам одам қобилияти донистан ва дӯст доштанро доранд. Албатта, одам наметавонад чун Худо бисёр донад ва ба монанди Худо дӯст дорад.

Худо ҳамчунин ба одам қудрат додааст, то некро аз бад фарқ карда тавонад.

**Одам боз бо кадом сифат аз Худо фарқ мекунад?**
***Калимаи зерин дар оина акс ёфтааст.***



____________

## ОДАМ БАРОИ ЧӢ ОФАРИДА ШУДААСТ?

Худо одамро барои Худ офаридааст. Китоби Муқаддас мегӯяд: “Ман ӯро барои ҷалоли Худ офаридаам; ӯро ба вуҷуд овардаам ва ӯро сохтаам” (Ишаъё 43:7б).

Ва ҳамин тариқ бачаҳо ва духтарон, мардону занон бояд аз Китоби Муқаддас фаҳмида гиранд, ки Худо ба чӣ бовар кардан ва чӣ кор кардани онҳоро мехоҳад.

Рӯзе ҳар як шахс бояд дар назди Худо биистад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: “Пас, ҳар яке аз мо дар бораи худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод” (Румиён 14:12).

## ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид; онҳоро марду зан офарид” (Ҳастӣ 1:27).



Дарси 4

**МАСЕҲ**

“Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд”

| |
|---|
| ŇũťŤŦŞŮ8 ĺŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŨ ūŤţ, ŇŞťŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖƸŞ ŧŖŘŤšŞŞ 2 ŭŖŘŤŗ Śś ĭ, |

Тоҳир-амак муаллими мактаби якшанбегӣ буд. Бачаҳо аз ӯ шод буданд, зеро ӯ хеле боқувват буд ва ба онҳо барои фаҳмидани коди махфиашон ёрдам кард. Рӯзе ҳангоме ки бачаҳо дар

мактаби якшанбегӣ аломатҳои коди худро меомӯхтанд, Тоҳир-амак ба аломати секунҷае ки онҳо доштанд, нигарист. Масалан, дӯстон", – гуфт вай, – "ин Ваҳдати Сегонаро ба хотири ман меоварад". Шӯҳрат пештар инибораро шунида буд.

"Чӣ гуна ин метавонад Ваҳдати Сегонаро ба хотири шумо оварад?" – пурсид вай.

Тоҳир-амак тасвири секунҷаро кашид: "Бубинед", – гуфт ӯ, – "тарафҳои ин секунҷа гуногунанд, аммо онҳо дар якҷоягӣ секунҷаро ташкил медиҳанд. Ин ба Ваҳдати Сегона монанд аст. Падар, Писар, ва Рӯҳи Пок аз ҳам фарқ мекунанд. Аммо ҳамаи онҳо Худо мебошанд".

Тоҳир-амак бисёр чизҳоро медонад. Шӯҳрат ба ӯ гуфт: "Шумо гуфтед, ки Исои Масеҳ яке аз Шахсиятҳои Ваҳдати сегона аст. Исои Масеҳ кист, Тоҳир-амак?"

"Исои Масеҳ яке аз се Шахсияти Ваҳдати Сегона аст. Ӯ Худо Писар аст. Ӯ Писари Худост. Мо ин суханонро дар ҳаққи ягон каси дигар гуфта наметавонем". Баъд бачаҳо боз дигар саволҳо доданд.




ИСОИ МАСЕҲ ЧӢ ГУНА АСТ?

Азбаски Исои Масеҳ Худост, ҳамаи он чи ба Худо хос аст, ба Ӯ низ хос мебошад. Худо пок аст, Ӯ меҳр аст, Ӯ одил аст, ва

ғайра. Ҳамаи инҳо ба Исо низ хос мебошанд.

Исо ҳамчунин одам буд. Ҳангоме ки Ӯ дар рӯи замин буд, ба монанди дигар одамон ҷисм дошт. Ӯ айнан ба монанди одамони дигар қадам мезад, сухан мегуфт, хӯрок мехӯрд, мехобид. Аммо Исо одами беҳтарин буд. Ӯ бар хилофи мо, ҳеҷ гуна ҳиссиёти гуноҳолуд надошт. Ӯ ҳеҷ гоҳ гуноҳ накардааст.

*Ҳарфҳоро дуруст пайванд карда, номи шаҳрро биёб.*




## ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ ЧӢ КОРЕ КАРДАН ОМАД?

Исои Масеҳ барои ба ҷо овардани хоҳиши Падари Худ омад. Ӯ медонист, ки Худо Ӯро барои он фиристод, то барои гуноҳҳои ҷаҳон бимирад. Ӯ ҳамеша ба Падари Худ итоат мекард. Ӯ дар Байт-Лаҳм зода шудааст. Мо оиди давраи кӯдакии Ӯ кам медонем. Аммо мо медонем, ки Ӯ чун одам аз пайи ба ҷо овардани корҳои нек буд. Ӯ ҳамаро дӯст медошт. Ӯ ҳамаи гуноҳкоронро дӯст медошт, аммо гуноҳҳои онҳоро дӯст намедошт. Ӯ ба одамон оиди Худ мегуфт. Ӯ мехост, ки одамон аз гуноҳи кардаашон ғамгин шаванд ва ба Ӯ бовар кунанд, то ки Ӯ гуноҳҳояшонро дур кунад. Аммо одамони каме Ӯро дӯст медоштанд. Одамони гуноҳкор Ӯро дар байни ду роҳзан ба салиб кашиданд. Ӯ дар он ҷо мурд ва хуни Худро барои ҳамаи гуноҳкорон рехт. Ӯ барои ту ва ман мурд. Ӯ дафн карда шуд, ва дар рӯзи сеюм аз мурдагон бархост. Баъд аз он ки мурда буд, бисёр касон Ӯро зинда диданд. Баъд Ӯ ба осмон рафт, ки дар он ҷо Ӯ ҳоло зиндагӣ мекунад. Рӯзе Ӯ боз ба замин бармегардад.

*Ҳар ҳарфи сеюму чорумро партофта, ҷумларо бихон. Сипас дар поён онро бинавис.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| И$_1$ | С$_2$ | Т$_3$ | Х$_4$ | О$_1$ | Б$_2$ | Ъ$_3$ | И$_4$ | А$_1$ |
| Ъ$_2$ | Р$_3$ | З$_4$ | Д$_1$ | И$_2$ | С$_3$ | И$_4$ | С$_1$ | Е$_2$ |
| Б$_3$ | А$_4$ | Р$_1$ | Ӯ$_2$ | Ӯ$_3$ | Т$_4$ | З$_1$ | А$_2$ | И$_3$ |
| Д$_4$ | З$_1$ | М$_2$ | И$_3$ | Т$_4$ | У$_1$ | Р$_2$ | Ъ$_3$ | З$_4$ |
| Д$_1$ | А$_2$ | А$_3$ | Т$_4$ | Г$_1$ | О$_2$ | М$_3$ | Н$_4$ | Н$_1$ |
| Б$_2$ | Ъ$_3$ | З$_4$ | А$_1$ | Р$_2$ | Т$_3$ | И$_4$ | Х$_1$ | О$_2$ |
| Д$_3$ | Ӯ$_4$ | С$_1$ | Т$_2$ | А$_3$ | У$_4$ | | | |

ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Зеро ки дар аввал он чиро, ки низ қабул кардаам, ба шумо супурдаам, ки яъне Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд” (1Қӯринтиён 15:3,4).



Дарси 5

# ГУНОҲ

“Барраи Худо барои гуноҳҳои ман дар салиб азоб кашид”

| |
|---|
| Ňũť ŤŦŞŮ8 ĺ ŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŨ ūŤ ţ, ŇŞť Ŗŧ ŗŖ ŘŖŦŖƸŞ ŧŖŘŤšŞŞ 3 ŭŖŘŤŗ Śś ĭ, |

Шӯҳрат ба ёд оварда метавонист, ки кай Баҳромро бо санг зада буд. Ӯ медонист, ки набояд ин корро мекард. Ӯ худро хеле бад ҳис мекард. Ӯ фикр кард, ки оё боз ягон каси дигар худро ҳамин гуна ҳис мекарда бошад ё не? Оё ягон каси дигар худро ба ҳамин андоза гуноҳкор ҳис кардааст? Ӯ ба даруни мактаби якшанбегӣ рафт, то ки аз Тоҳир-амак пурсад.

“Оё гоҳо худро ҳамин тавр ҳис кардани касеро медонам?” – гуфт Тоҳир-амак. “Ҳа. Ва ин аз он сабаб аст, ки ҳама гуноҳкор мебошанд. Ҳамаи одамон корҳое мекунанд, ки онҳоро водор мекунанд худро гуноҳкор ҳис кунанд. Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки чӣ гуна мард ва зани аввалин гуноҳ карданд”.



## МАРД ВА ЗАНИ АВВАЛИН, ОДАМ ВА ҲАВВО

(Ҳастӣ 3:1–3-ро хон)

Одам ва Ҳавво дар боғи Адан мезистанд. Онҳо аз меваи ҳамаи дарахтон хӯрда метавонистанд, ба ғайр аз дарахти донистани неку бад.

Худо мехост, ки онҳо ба Ӯ итоат кунанд. Худо ба онҳо гуфта буд, ки агар ба Ӯ беитоатӣ кунанд, албатта мемиранд. То даме ки онҳо ба Ӯ итоаткор буданд, бо Ӯ қадам зада, сӯҳбат намуда метавонистанд. Онҳо аз ҳамдигар хеле хушнуд буданд! Аммо воқеае рух дод!

**Музди гуноҳ чист?**

*Ба чоркунҷаҳои холӣ танҳо* <u>*яке*</u> *аз ин ашёҳоро андоз. Агар ин ҳарфҳоро аз боло то поён хонӣ, мефаҳмӣ, ки музди гуноҳ чист.*



ВАСВАСА
(Ҳастӣ 3:4–5-ро хон)
Рӯзе шайтон, иблис, дар шакли мор назди Ҳавво омад. Ӯ мехост, ки Ҳавво ба Худо беитоатӣ кунад. Вай аз Ҳавво пурсид, ки оё ҳақиқатан Худо хӯрдани меваи ҳамаи дарахтони боғро манъ кардааст. Иблис мехост, ки Ҳавворо фиреб диҳад. Ва айнан ҳамин тавр шуд.

ГУНОҲ (Ҳастӣ 3:6–7)
Ҳавво ба дарахти донистани неку бад нигарист. Ва баъд он воқеа рӯй дод! Вай меваи онро хӯрд! Вай ба Одам аз он каме дод, ва ӯ низ хӯрд. Онҳо ба Худо беитоатӣ карданд! Онҳо гуноҳ карданд! Беитоатӣ гуноҳ аст!

АЗ БОИСИ ГУНОҲ КАРДАНИ ОНҲО ЧӢ РӮЙ ДОД
Акнун онҳо гуноҳкор буданд. Онҳо на танҳо некӯиро, балки бадиро низ медонистанд. Акнун онҳо бо Худо гаштугузор карда, сӯҳбат карда наметавонистанд. Худо ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме гуфт, ки агар беитоатӣ кунанд, албатта мемиранд. Ӯ ҳамчунин дар назар дошт, ки ягон рӯз онҳо

мемиранд ва баданҳои онҳо ба хок, ки аз он пайдо шудаанд, бармегарданд. Акнун дар ҷаҳон гуноҳ буд. Ва аз он вақт инҷониб ҳар касе ки ба ҷаҳон зода мешавад, гуноҳкор аст (ба ғайр аз Исои Масеҳ).



| | | |
|---|---|---|
| Г | У | М |
| | | |
| | | |
| Д | И | Л |

*Танҳо як ҳарфро дар як сатр иваз намуда, калимаи "гум" - ро ба калимаи "дил" табдил деҳ.*

ХУДО ДАР ИН МАВРИД ЧӢ КАРД?

Аммо Худо ҳанӯз ҳам гуноҳкоронро дӯст медорад, ва Ӯ мехоҳад, ки онҳо бо Ӯ қадамгузор ва ҳамсӯҳбат бошанд. Агар онҳо гуноҳҳои худро нигоҳ доранд, ин корро карда наметавонанд. Бинобар ин Худо Писари Худ Исои Масеҳро фиристод, то ки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон бимирад. Агар одамон ба Исо бовар кунанд, гуноҳҳояшон дур карда мешаванд ё бахшида мешаванд. Баъд онҳо метавонанд бо Худо қадамгузор шаванд ва сӯҳбат намоянд.

**Барои мо чӣ хатарнок мебошад?**
*Танҳо ҳарфҳои хобидаро пайванд кун ва дар поён навис.*




______________________

**Кадом роҳ сӯи Худо мебарад?**




ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ” (Рум. 6:23).

Дарси 6

## НАЧОТ

”Ваҳ! Оё ман шодам, ки начот бепул аст“.

ŇũťŤŦŞŮ8 Í ŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŨ ūŤ ţ, ŇŞťŖŧ ŗŖ ŧŖĭ ŞŪŖŞ ŧŖŘŤšŞŞ 4 ŭŖŘŤŗ Śś ĭ,

Шӯҳрат он чиро, ки Тоҳир-амак оиди Исои Масеҳ гуфта буд, фаромӯш карда наметавонист. Ӯ гуфт, ки Исо дар салиб мурд. Ва ҳангоме ӯ гуфт, ки “Ӯ барои ту мурд”, Шӯҳрат фикр кард, ки ӯ рост ба вай менигарад. Исо барои вай мурд! Ҳамин вақт Тоҳир-амак ба мактаби якшанбегӣ омад. Шӯҳрат ҳанӯз қуфли дари синфро таъмир мекард. Тоҳир-амак дид, ки вай дар фикр аст. Пеш аз он ки Тоҳир-амак ягон чиз гуфта тавонад, Шӯҳрат гуфт: “Чаро Исо барои ҳама мурд?” Тоҳир-амак аз чунин савол додани Шӯҳрат хурсанд буд. “Исо барои ҳама мурд, – гуфт вай, – чунки Ӯ ҳамаро дӯст медошт. Исо барои ҳамаи одамон имконпазир гардонд, ки гуноҳҳояшон бахшида шаванд”.



## КӢ БА БАХШИДА ШУДАНИ ГУНОҲҲОЯШ ЭҲТИЁҶ ДОРАД?

Ҳар як шахсе ки назди Масеҳ омадан мехоҳад, ба бахшида шудани гуноҳҳояш эҳтиёҷ дорад. Оё қиссаи Одаму Ҳавворо дар ёд дорӣ? Онҳо ба Худо беитоатӣ карданд. Онҳо гуноҳ карданд. Акнун ҳамаи одамоне ки ба ҷа-

ҳон зода мешаванд, гуноҳкор мебошанд. Китоби Муқаддас инро ба мо мегӯяд. “Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд” (Рум. 3:23).

Ту гуноҳкор ҳастӣ. Шояд ту корҳои хеле бад накардаӣ. Ин хуб аст. Аммо ба ҳар ҳол ту баъзе корҳои бад кардаӣ, ба монанди беитоатӣ ва ё дурӯғ гуфтан. Ва Худо туро бахшидан мехоҳад, то ки ту масеҳӣ бошӣ. Он гоҳ ту бахшида мешавӣ. Ӯ намехоҳад танҳо шахсонеро наҷот диҳад, ки корҳои бадтаринро мекунанд. Ӯ ҳамаро дӯст медорад.

## ШАХС ЧӢ ГУНА НАҶОТ ЁФТА МЕТАВОНАД?

Ҳеҷ кас наметавонад худро наҷот диҳад, ва низ касе барои ӯ ин корро карда наметавонад. Барои масеҳӣ шудани шахс танҳо як роҳ ҳаст. Ба оят барои аз ёд кардан нигар. Ин оят ба мо мегӯяд, ки агар шахс бахшида шудани гуноҳҳояшро хоҳад, ва агар ӯ масеҳӣ шудан хоҳад, бояд бовар кунад, ки Исо барои дур кардани гуноҳҳои ӯ мурдааст. Касе ки бовар кунад, наҷот меёбад. Ӯ наҷот дорад. Ин айнан ба он монанд аст, ки кас аз нав зода шуда бошад. Наҷот тӯҳфаи Худост.

## ШАХС ЧӢ ГУНА ДОНИСТА МЕТАВОНАД, КИ НАҶОТ ЁФТААСТ?

Масеҳӣ шояд вақти аниқи бовар карданашро надонад, аммо вай метавонад донад, ки оё ба Исо имон дорад ё не. Ҳамин тавр вай метавонад донад, ки оё наҷот ёфтааст, оё масеҳӣ ҳаст ё не.

Ҳамчунин Китоби Муқаддас мегӯяд, ки “Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд” (Юҳанно 1:12). Худо онҳоеро, ки ба Исо бовар мекунанд ва Ӯро қабул менамоянд, наҷот медиҳад. Ва мо медонем, ки Худо ҳеҷ гоҳ ноком намегардад.

Бинобар ин мо метавонем ба Ӯ боварӣ дошта бошем.

Баъди шунидани суханони Тоҳир-амак Шӯҳрат масеҳӣ шуд. Ӯ бовар кард, ки Исо барои ӯ мурдааст ва ӯро наҷот медиҳад. Ӯ худи ҳамон рӯз масеҳӣ шуд.

Агар ту оиди наҷот ё масеҳӣ шудан савол дошта бошӣ, онҳоро дар дафтари саволҳо навишта ба мо фирист. Мо ба саволҳои ту ҷавоб медиҳем.

**Мо кӣ шуда метавонем?**

*Пораи мувофиқро ба ҷои холӣ гузоред.*




ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад” (Юҳанно 3:16).

Дарси 7

## МАРГ ВА БАЪД АЗ ОН

”Баъди мурдани кас чӣ рӯй медиҳад“

Ñũť ŤŦŞŮ8 ÍŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞȻȻŖŪ ūŤţ, ÑŞťŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖȻŞ ŧŖŘŤšŞŞ 5 ŭŖŘŤŗ Śśĭ,



Шӯҳрат метарсид. Акнун ӯ масеҳӣ буд, аммо ҳанӯз ҳам метарсид. Торик буд ва ӯ бо душворӣ дида метавонист. Чаро рафиқонаш ӯро ба дарё барои овардани қурбоққа фиристоданд! Барои ба мактаби якшанбегӣ баргаштан ӯ мебоист аз ҷангале мегузашт, ки Бобои Баҳодур мезист. Ӯ тез-тез давида, рост ба бинои мактаби якшанбегӣ даромад.

“Бобои Баҳодур! Бобои Баҳодур!” – дод зад ӯ.

“Оё ту ӯро дидӣ?!” – нидо кард Давлат. Шӯҳрат нафас рост кард. “Хайр, не, аммо ... аммо тахмин кардам, ки ӯ маро куштан мехоҳад! Тасаввур кун, агар ман мемурдам!” Тоҳир-амак табассум намуд. Ин бори аввал набуд, ки Шӯҳрат ба хотири Бобои Баҳидур метарсид.

“Бигӯед, Тоҳир-амак”, – гуфт Шӯҳрат, – “баъди мурдани шахс чӣ рӯй медиҳад?” Шӯҳрат ҷиддӣ мепурсид ва Тоҳир-амак инро медонист. Ин мавриди мувофиқе буд, то ба ӯ оиди марг гап занад. Ва Тоҳир-амак ҳамин тавр кард.

## БАЪДИ МАРГ ЧӢ РӮЙ МЕДИҲАД?

Китоби Муқаддас дар Ибр. 9:27 мегӯяд, ки “Ва чунон ки одамонро насиб гардидааст, ки як бор бимиранд ва баъд аз он ба доварӣ дучор шаванд”. Агар шахс пеш аз марг наҷот наёфта бошад, баъди мурдан имконияти дигар нахоҳад дошт.

Ту хонда будӣ, ки ҷон ва рӯҳ ҷовидона зиндагӣ мекунанд. Пас чӣ мемирад? Бадан мемирад. Он ба хок бармегардад, Худо ба ҷон ва рӯҳ бадани нав медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ намемирад.

## БАЪД БО ШАХС ЧӢ МЕШАВАД?

Масеҳӣ ҷовидона дар осмон зиндагӣ мекунад, ва шахсе ки масеҳӣ нест, абадан дар дӯзах мешавад.

## ДӮЗАХ ЧӢ ГУНА АСТ?

Дӯзах макони ғаму андӯҳ аст. Он аз ҳамин сабаб ҷои ғаму андӯҳ аст, ки Исо дар он ҷо нест. Он барои иблис омода гардида буд. Аммо ҳамаи онҳое ки то дами марг ба Исо бовар накардаанд, ба он ҷо мераванд. Дар дӯзах ҳамчунин одамон барои гуноҳҳояшон ҷазо мебинанд.

## ОСМОН (БИҲИШТ) ЧӢ ГУНА МЕБОШАД?

Осмон (биҳишт) макони хурсандӣ мебошад. Исо дар он ҷост. Он ҷои зебост. Китоби Муқаддас ба мо дар бораи осмон ҳама чизро намегӯяд, аммо зикр мекунад, ки дар он ҷо андӯҳ ва марг нест. Дар осмон ҳама ба Исо ҳамду сано мехонанд. Онҳо дар он ҷо Ӯро парастиш мекунанд ва ба Ӯ хизмат менамоянд. Дар осмон гуноҳ нест.

Агар одамон дар ин ҷо, дар замин ба Исо хизмат кардан нахоҳанд, дар осмон ҳам ин корро кардан намехоҳанд. Пас ҳозир вақт аст, то ба воситаи бовар ба Исо ва зистан барои Ӯ ба осмон омода гардӣ.

Шӯҳрат шод буд, ки ӯ масеҳӣ аст. Ва ӯ хост барои Исо зиндагии ҳақиқатан масеҳиёна ба сар барад. Ягон рӯз ӯ дар осмон Исоро мебинад.

**Калимаи муҳимро ёб!**

*Ҳарфҳои дар чоркунҷаҳо бударо тартиб бидеҳ. Инчунин ҳарфҳои дар доираҳо бударо.*




ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад" (2Қӯринтиён 5:10).

**Худо ба ту чӣ мебахшад, агар Ӯро биҷӯӣ?**



Дарси 8

## ЗИНДАГИИ МАСЕҲИЁНА

“Худованд чӯпони ман аст”

| |
|---|
| Ňũť'ŤŦŞŮ8 Í ŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŨ ūŤ ţ, ŇŞť'Ŗŧ ŗŖ ŘŖŦŖƸŞ ŧŖŘŤšŞŞ 6 ŭŖŘŤŗ Śś ĭ, |

Инак Шӯҳрат акнун масеҳӣ буд. Тоҳир-амак ва рафиқон хеле хурсанд буданд! Ва ту метавонӣ боварӣ дошта бошӣ, ки дар вохӯрии навбатӣ дар мактаби якшанбегӣ онҳо саволҳои бисёре хоҳанд дошт, то аз Тоҳир-амак пурсанд.

### ШАХС ЧАНД БОР БОЯД НАҶОТ ЁБАД?

Шахс бояд танҳо як бор наҷот ёбад. Худо шахсро наҷот медиҳад, ва Ӯ қувват дорад он шахсро наҷотёфта нигоҳ дорад. Китоби Муқаддас мегӯяд: “Ва Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ мебахшам, ва онҳо то абад талаф нахоҳанд шуд, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Ман кашида гирад” (Юҳанно 10:28).

### ОЁ АЗБАСКИ МАСЕҲӢ НАҶОТЁФТА МЕМОНАД, Ӯ МЕТАВОНАД МУВОФИҚИ ХОСТИ ХУД ЗИНДАГӢ КУНАД?

Не! Масеҳӣ ба Исо барои наҷот доданаш шукргузор аст. Ӯ гуноҳ кардан намехоҳад. Ӯ танҳо он кореро кардан мехоҳад, ки Исо мехоҳад, то ӯ ба ҷо оварад. Агар шахс корҳои гуноҳолуд кардан хоҳад, пас шояд ӯ масеҳӣ нест.

### ХУДО АЗ МАСЕҲИЁН ЧИРО МЕХОҲАД, ТО БИКУНАНД?

Худо мехоҳад, ки масеҳиён Каломи Ӯро омӯзанд ва ба он итоат намоянд. Агар онҳо чунин кунанд, ҳарчи бештар ба

Исо монанд мешаванд ва аз Ӯ хиҷолат намекашанд. Онҳо мехоҳанд, ки дигарон низ оиди Исо донанд. Онҳо аз кардани корҳои хуб шод мешаванд.

**Худо аз мо чӣ мехоҳад?**



АГАР МАСЕҲӢ ГУНОҲ КУНАД, ЧӢ МЕШАВАД?

Худо медонад, ки масеҳиён, агарчи нахоҳанд ҳам, гоҳо гуноҳ мекунанд. Ҳангоме ки масеҳӣ гуноҳ мекунад, бояд ба Худо гӯяд. Худо ӯро мебахшад. Дар 1Юҳанно 1:9 гуфта шудааст: "Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд".



Сипас он шахс бояд кӯшиш кунад, ки ҳамон гуноҳро бори дигар накунад. Худо аз иблис хеле тавонотар аст, ва Ӯ ба масеҳиён ёрӣ медиҳад, то росткорона зиндагӣ кунанд.

ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Ва ба ҳама гуфт: «Агар касе хоҳад аз ақиби ман биёяд, бояд хештанро инкор кунад ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд»" (Луқо 9:23).

Дарси 9

## ОМӮХТАНИ КИТОБИ МУҚАДДАС ВА ИТОАТ БА ОН

“Ман аз шири Каломи Худо ғизо мегирам”

Ňũť ŤŦŞŮ8 Í ŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŨ ūŤţ, ŇŞťŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖƸŞ ŧŖŘŤšŞŞ 7 ŭŖŘŤŗ Śś ĭ,

Робия ба Китоби Муқаддас нигарист. Он дар ҷевони китобмонӣ буд ва муддати зиёд дар он ҷо мехобид. Падару модари Робия онро дар нӯҳумин солгарди зода шуданаш ба вай дода буданд. Ин як сол пеш буд. Вай хеле кам ба он рӯ меовард!

Вай онро бо эҳтиёт гирифта, чангашро пок кард. Вай медонист, ки ин китоби махсус аст. Вай донистан мехост, ки Худо дар Китоби Муқаддас чӣ гуфтааст. Оё вай бояд омӯхтани онро сар кунад? Оё вай бояд ба он итоат кунад?

Робия шод буд, ки ба омӯхтани Китоби Муқаддас сар кард. Вай оиди он хонд, ки Исо барои ӯ мурд. Вай барои гуноҳҳои худ афсӯс хӯрд, ва ба Исо чун ба Наҷотдиҳандаи худ бовар кард. Вай акнун масеҳӣ буд.



Вай ҳамчунин мехост ба Каломи Худо итоат намояд. Вай мехост бештар ба Исо монанд шавад. Ӯ чӣ гуна буд? Оё Ӯ итоат мекард?

*Аз чорчӯбаи калон сар карда, ҳарфҳоро пайванд кунед.*




ЧАРО ТУ БОЯД КИТОБИ МУҚАДДАСРО ОМӮЗӢ?

Ту хондӣ, ки Китоби Муқаддас Каломи Худо ба одамон аст. Худо дар он оиди Худ ва Писари Худ, Исои Масеҳ, мегӯяд. Ту ҳамчунин хондӣ, ки чаро Худо мехоҳад, то ту оиди Исои Масеҳ донӣ. “Аммо ҳамин қадараш навишта шуд, то шумо имон оваред, ки Исо Масеҳ ва Писари Худост, ва имон оварда, ба исми Ӯ ҳаёт ёбед” (Юҳанно 20:31). Худо мехоҳад, ки ту ба Исо имон оварӣ. Ӯ мехоҳад, ки ту ҳаёти ҷовидон дошта бошӣ. Агар ту онро надошта бошӣ, бояд Китоби Муқаддасро омӯзӣ, то оиди Исо бидонӣ, то ки Худо тавонад туро наҷот диҳад ва ҳаёти ҷовидон ато намояд. Ту хондӣ, ки Худо мехоҳад, то ту ба Исо бовар кунӣ, аммо Ӯ ҳамчунин мехоҳад, ки ту беш аз пеш дар шабоҳати Ӯ пеш равӣ.  Ту медонӣ, ки агар калон шудани баданатро хоҳӣ, бояд барои ин ягон чиз кунӣ.

Ту бояд хӯроки хуб хӯрӣ. Ҳамчунин агар ту масеҳии хубтар шудан хоҳӣ, бояд барои ин ягон чиз кунӣ. Каломро омӯз. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: “Чун кӯдакони навзод муштоқи шири поки калом бошед, то ки аз он барои наҷот нашъунамо ёбед” (1Петрус 2:2). Агар ту масеҳӣ бошӣ, бояд барои пешрафт Китоби Муқаддасро хонӣ. Ҳамчунин ба он чи мехонӣ, итоат намо.

Ҳамин тавр, Китоби Муқаддасро барои ба он итоат намудан омӯз. Ту метавонӣ дар бораи Исо чизе хонӣ, ки туро водор мекунад Ӯро бештар дӯст дорӣ. Ту метавонӣ оиди баъзе гуноҳҳои мекардаат хонӣ, ки Худо намехоҳад, то онҳоро бикунӣ. Ту метавонӣ оиди баъзе чизҳои хубе хонӣ, ки ту намекунӣ, аммо Худо мехоҳад, ки онҳоро ба ҷо оварӣ. Оё ту итоат мекунӣ?

## КАЙ ВА ЧӢ ГУНА ТУ БОЯД КИТОБИ МУҚАДДАСРО ОМӮЗӢ?

Кӯшиш кун, ки Китоби Муқаддасро ҳар рӯз омӯзӣ. Ҳангоме ки ин дарсҳоро меомӯзӣ, ту Китоби Муқаддасро меомӯзӣ. Оятҳоро албатта бевосита аз Китоби Муқаддас хон. Оятҳоеро ки аз ёд мекунӣ, дар варақаҳо навис – ин барои ба Каломи Худо итоат намудан ёрӣ медиҳад. Аз ёд кардани Каломи Худо ба ту ёрӣ медиҳад, ки аз гуноҳ барканор бошӣ (Забур 118:11).




Оятро дар як тарафи варақа навис. Дар тарафи дигари он дар куҷои Китоби Муқаддас будани ин оятро навис.

Ин варақаҳоро бо резини мудаввар печонда, дар қуттӣ нигоҳ дор.

## ИСО ҲАНГОМИ КӮДАКӢ ИТОАТКОР БУД

Ту хондӣ, ки Исо ягона шахсе буд, ки ҳамеша кори дурустро ба ҷо меовард. Ӯ ҳамеша итоат мекард. Ҳатто ҳангоми кӯдакӣ Ӯ итоаткор буд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Ӯ “дар итоат”-и падару модараш буд (Луқо 2:51). Ин маънои онро дорад, ки Ӯ ба онҳо итоат менамуд. Оё ту ба падару модари худ итоат мекунӣ?

## ИСО ДАР ТӮЛИ ТАМОМИ УМРИ ХУД ИТОАТКОР БУД

Исо барои ба ҷо овардани хости Падари Худ ба замин омад (Юҳанно 4:34). Ӯ гуфт: “Зеро ки толиби иродаи Худ не, балки иродаи Падаре ҳастам, ки Маро фиристодааст” (Юҳанно 5:30б). Ӯ дар тӯли тамоми умри заминии Худ хости Падари Худро ба ҷо меовард, ҳатто агар ин маънои азоби зиёдро медошт.

Тафтиши бузургтарини итоаткории Ӯ он буд, ки оё Ӯ барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон мемирад. Ӯ медонист, ки Худо Ӯро ба ҷаҳон барои ҳамин фиристодааст. Оё Ӯ итоат мекунад? Оё Ӯ мехоҳад барои гуноҳҳои ҳама азоб кашад ва бимирад? Исо ба боғи Ҷатсимонӣ рафт, то ки дар танҳоӣ дар ин хусус дуо кунад. Шояд Ӯ набояд бимирад? Шояд роҳи дигаре ҳаст! Ҳангоме ки Ӯ дуо мекард, арақи Ӯ чун қатраҳои калони хун буд! Ӯ медонист, ки бо Ӯ чӣ мешавад! Ва Ӯ аз он рӯ нагардонд! Ӯ ҳамаи одамонро чунон дӯст медошт, ки тайёр буд барои гуноҳҳои онҳо бимирад. Ӯ дуо кард: “Лекин на бо хоҳиши Ман, балки бо иродаи Ту” (Матто 26:39б). Ӯ хости Падари Худро ба ҷо меовард. Ӯ итоат менамуд!

Баъди он ки Ӯ дуо кард, баъзе сарбозони яҳудӣ омада, Ӯро дастгир карданд. Онҳо Ӯро ба доварӣ бурданд. Онҳо гуфтанд, ки Ӯ сазовори қатл аст, зеро Худро Писари Худо

меномид. Ҳамин тариқ, Ӯ ба салиб кашида шуд. Ӯ дар салиб барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон мурд. Ӯ ба Падари худ то ҳадди марг итоат намуд!
Исо доимо фармудаҳои Падарро ба ҷо меовард. Ӯ ҳамеша итоат мекард. Ту чӣ?

**Калимаи муҳимро биёб!**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| = А | = Б | = В | = Г | = Ғ | = Д | = Е |
| = Ё | = Ж | = З | = И | = ӣ | = Й | = К |
| = Қ | = Л | = М | = Н | = О | = П | = Р |
| = С | = Т | = У | = Ӯ | = Ф | = Х | = Ҳ |
| = Ч | = Ҷ | = Ш | = ъ | = Э | = Ю | = Я |



_ _ _ _ _

ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Сухани Туро дар дили худ ниҳон доштаам, то ки пеши Ту хато накунам" (Забур 118:11).

"Агар аҳкоми Маро риоят кунед, дар муҳаббати Ман хоҳед монд, чунон ки Ман аҳкоми Падари Худро риоят кардам, ва дар муҳаббати Ӯ мемонам" (Юҳанно 15:10).

**Маслиҳати хуберо ёб, ки бо оятҳои Инҷил бояд чӣ бикунӣ.**
*Калимаҳоро пурра кун ва маслиҳатро бихон!*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Н | Г | У | Р | | |
| | А | Н | Г | У | Л | А |
| | Р | | | | | |
| | Е | Ҳ | К | О | Н | |
| | Ӯ | Ҳ | | | | |
| | М | Е | Д | | | |
| | А | Б | О | Т | | |

Дарси 10

## ДУО

“Ман бо Худо гап зада метавонам”

Ňũťʼ ŤŦŞŮ8 Í ŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞȻȻŖŨ ūŤ ţ, ŇŞťʼŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖȻŞ ŧŖŘŤšŞŞ / . ŭŖŘŤŗ Śś ĭ,

Марям ба ошёнаи поёнӣ назди модар давида омад. “Он кор намекунад!” – нидо кард вай. Он тамоман кор намекунад!”
“Чӣ кор намекунад, Марям?”
“Он чи он мард гуфт, дуруст нест. Он кор намекунад, ҳамин тавр не, модар?”
“Марям, агар хоҳӣ, ки ман ҷавоб диҳам, бояд фаҳмонӣ, ки дар бораи чӣ гуфта истодаӣ”.
“Хуб, он мард дишаб гуфт, ки агар дуо карда, аз Худо чизе хоҳиш намоем, Ӯ онро ба мо медиҳад. Ман дуо кардам, ки дар миёнҷои ҳуҷраам дучархаи сурхи наве ки сигнал ва фара дорад, пайдо шавад. Ин пагоҳӣ ман бедор шудам ва он набуд! Мебинӣ, он кор намекунад!”
Модар фаҳмид, ки Марям бояд оиди дуо баъзе чизҳоро омӯзад. Ва ӯ ҳамон дам тоза намуданро бас карда, ба духтараш гап зад.



ДУО ЧИСТ?

Шояд ту гумон мекунӣ, ки дуо танҳо чизе аз Худо хостан аст. Дуо инро ҳам дар бар мегирад, аммо маънои аз он васеътар дорад.

Дуо Худоро парастиш намудан аст. “Бигзор ҳар кӣ нафас мекашад, Худоро мадҳ кунад (= ҳамд гӯяд)” (Забур 150:6).

Дуо шукргузорӣ ба Худост. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: “Барои ҳама чиз шукр гӯед, зеро ки чунин аст иродаи Худо дар ҳаққи шумо дар Исои Масеҳ” (1Тасл. 5:18).

Дуо назди Худо иқрор шудан ба гуноҳҳои туст. Ту пеши Худо ба гуноҳҳоят қоил шуда, инро ба ҷо меоварӣ.

**Шафоат дар ин ҷо ба кадом маъни меояд?**




Дуо аз Худо чизе хоҳиш кардан аст. Ту метавонӣ аз Худо барои худ ё барои каси дигар чизе хоҳиш кунӣ. Ту метавонӣ аз Худо хоҳиш кунӣ, ки дар итоат ба Каломи Ӯ ёрӣ диҳад. Ту метавонӣ барои дӯстон ё барои аъзоёни оилаат дуо кунӣ.

## ХУДО БА ДУОИ КӢ ҶАВОБ МЕДИҲАД?

Ҳангоме ки шахси беимон ба Масеҳ чун ба Наҷотдиҳандаи худ бовар карда, дуо мегӯяд, Худо ба дуои Ӯ ҷавоб медиҳад ва ба ӯ наҷот мебахшад. Агар ту масеҳӣ бошӣ ва ба дуоҳоят ҷавоб гирифтан хоҳӣ, бояд гуноҳ накунӣ (Забур 66:18). Фармудаҳои Масеҳро ба ҷо овар. Ҳамчунин ту бояд мувофиқи хости Худо дуо кунӣ (1Юҳанно 5:14). Ин маънои онро дорад, ки ту метавонӣ тавре дуо кунӣ, ки Худо он тавр дуо кардани туро мехоҳад. Бинобар ин лозим нест, ки ту худхоҳона барои чизе дуо кунӣ ва интизори ҷавоби Худо бошӣ.

## ЧӢ ГУНА ХУДО БА ДУО ҶАВОБ МЕДИҲАД?

Ҳангоме ки Худоро парастиш ва шукргузорӣ намуда, дуо мегӯӣ, Худо шод мешавад. Ҳангоме ки масеҳиён гуноҳҳои худро эътироф намуда, дуо мегӯянд, Худо бо бахшидани гуноҳҳои онҳо ҷавоб медиҳад (1Юҳанно 1:9). Ҳангоме ки масеҳиён дар дуо аз Худо чизе хоҳиш мекунанд, Худо бо додани он чи ҳамон лаҳза барои шахс беҳтар аст, ҷавоб мегӯяд. Ӯ он чиро медиҳад, ки Ӯро беш аз ҳама ҷалол медиҳад.

## ИСО БАРОИ ДӮСТИ ХУД ЧӢ ГУНА ДУО ГУФТ (Юҳанно 11:1–7 ва 32–40-ро хонед)

Марям ва Марто ном хоҳарон дар Байт-Ҳинӣ, ки шаҳраки дар наздикии Уршалим буд, мезистанд. Онҳо Лаъзор ном бародаре доштанд.

Боре Лаъзор сахт бемор шуд. Ду хоҳар ба Исо кас фиристода, гуфтанд: “Худовандо, инак он касе ки дӯсташ медорӣ, бемор аст”. Ҳангоме ки Исо инро шунид, гуфт, ки ин бемории барои ҷалоли Худост.

Сипас, баъди ду рӯз, Ӯ бо шогирдонаш ба Байт-Ҳинӣ равона шуд. Ҳангоме ки онҳо ба он ҷо расиданд, Лаъзор аллакай мурда буд! Хоҳарон ба Исо гуфтанд, ки агар Ӯ дар ин ҷо мебуд, Лаъзор намемурд. Онҳо Исоро назди қабр бурданд.

**Гап дар бораи кӣ меравад?**

*Ба чоркунҷаҳои холӣ танҳо ҳарфиякуми яке азинашёҳоро андоз. Агар ин ҳарфҳоро аз боло то поён хонӣ, мефаҳмӣ, ки музди гуноҳ чист.*




## ИСО ДУО МЕКУНАД (Юҳанно 11:41–42)

Исо пеш аз он ки дар ҳаққи Лаъзор чизе кунад, дуо гуфт. Ӯ пеш аз ҳама Падари Худро барои он ки Ӯро мешунавад, шукр гуфт. Ӯ медонист, ки Падар Ӯро мешунавад. Ӯ худхоҳона дуо накард. Ӯ хост, ки Худо ҷалол ёбад. Ӯ хост, ки одамон ба Ӯ бовар кунанд.

## ИСО ЛАЪЗОРРО АЗ МУРДАГОН ЗИНДА МЕКУНАД (ЮҲАННО 11:43–45)

Исо баъди дуо гуфтан нидо кард: “Лаъзор, берун ой!” Ва Лаъзор аз қабр зинда берун омад! Исо мӯъҷиза ба амал овард. Марям ва Марто хеле хурсанд шуданд! Бародари онҳо аз нав зинда шуда буд!

Исо дар дуо хост, ки Худо ҷалол ёбад. Ва чунин шуд. Бисёр яҳудиёне ки ин мӯъҷизаи Исоро диданд, ба Ӯ бовар карданд. Ҳар он чи Исо мекард, Худоро ҷалол медод.
Албатта ту наметавонӣ дуо карда, интизори он бошӣ, ки касеро аз мурдагон бархезонӣ, чуноне ки Исо кард. Аммо ту метавонӣ тарзе дуо кунӣ, ки Худо шарафманд гардад, чуноне ки Исо кард.
Ояти дуюме ки шумо бояд аз ёд кунед, мегӯяд, ки агар мувофиқи хости Худо дуо кунед, Ӯ шуморо мешунавад. Барои фаҳмидани хости Худо омӯхтани Китоби Муқаддас ва донистани он зарур аст.

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Агар дар дили худ талбисро медидам, Худованд маро намешунид” (Забур 65:18).
“Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад” (1Юҳанно 5:14).



Дарси 11

## КОРҲОИ НЕК

“Мо бояд ба падару модари худ итоат кунем”.

ŇũťŤŧ̦ŞŮ8 Í ŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŨ ūŤ ţ, ŇŞťŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖƸŞ ŧŖŘŤšŞŞ / / ŭŖŘŤŗ Śś ĭ,

Ҷалил медонист, ки ӯ масеҳӣ аст. Ӯ медонист, ки ҳангоме гуноҳ мекунад, ҳоҷат нест дар ин бора ба касе гӯяд, то ки он шахс ба Худо дуо карда, гуноҳҳои ӯро бартараф намояд. Ҷалил медонист, ки ҳеҷ кас дар замин наметавонад гуноҳҳои ӯро бартараф кунад. Танҳо Худо ин корро карда метавонад, ва Ҷалил метавонад худаш ба Худо дуо карда, бахшиш пурсад. Ҷалил шод ва шукргузор буд, ки Исо масеҳӣ шудани Ӯро имконпазир гардонд. Ӯ мехост он корҳоеро кунад, ки ба Худо писанд меоянд. Ӯ мехост корҳои хуб кунад. Юҳанно медонист, ки “ман масеҳӣ ҳастам” гуфтан бе зиндагии росткорона маъное надорад. Акнун ки ӯ масеҳӣ аст, бояд корҳои нек кунад. Ӯ бояд Китоби Муқаддаси худро омӯзад ва дарёбад, ки Исо чӣ гуна зистааст. Ӯ мехост беш аз пеш ба Масеҳ монанд шавад. Оё Исо корҳои нек мекард?



АМАЛҲОИ НЕК ЧИҲОЯНД?

Амалҳои нек корҳои неке мебошанд, ки масеҳӣ мекунад. Ӯ онҳоро бо бовар мекунад. Ин корҳои нек бояд амалҳое бошанд, ки мувофиқи фармудаҳои Масеҳ ба ҷо оварда мешаванд. Онҳо корҳоеро ба ҷо меоваранд, ки Масеҳ мехоҳад, то масеҳиён кунанд. Онҳо

танҳо фикрҳои касе нестанд.



Китоби Муқаддас ба бачагон мегӯяд, ки ба волидонашон итоат кунанд ва онҳоро эҳтиром намоянд (Эфс. 6:1,2). Китоби Муқаддас ҳамчунин мегӯяд: “Ҳукми Ман ин аст, ки якдигарро дӯст доред, чунон ки Ман шуморо дӯст доштам” (Юҳанно 15:12). Китоби Муқаддас ба масеҳӣ мегӯяд, ки кадом корҳои некро бояд кунад.

## ЧАРО МАСЕҲӢ БОЯД КОРҲОИ НЕК КУНАД?

Ту бояд аллакай омӯхта бошӣ, ки ту на аз сабаби корҳои нек карданат масеҳӣ мешавӣ. Танҳо Худо метавонад туро наҷот диҳад. “Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад” (Эфс. 2:8,9). Наҷот тӯҳфаи Худост.

**Чӣ кор бояд кард?**

*Танҳо он ҳарфро, ки як бор пайдо мешавад, ба тартиб оварда, бихон.*

К Р Г С
Ф У М
З
Г В В
Ш О Л З
И Л
Ӯ Ӯ
Х Ш Ф Б С М

Аммо баъди масеҳӣ шудан бояд ту хоҳиши корҳои нек кардан дошта бошӣ. Худо мехоҳад, ки ту онҳоро ба ҷо оварӣ. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: “Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем” (Эфс. 2:10).

Ҳамчунин масеҳӣ корҳои некро бояд аз он сабаб ба ҷо оварад, ки ӯ ба Худо шукргузор аст ва мехоҳад Ӯро ҷалол диҳад. “Ҳамчунин бигзор нури шумо бар мардум битобад, то ки аъмоли неки шуморо дида, ба Падари шумо, ки дар осмон аст, ҳамду сано хонанд” (Матто 5;16). Ҳангоме ки масеҳӣ корҳои нек мекунад, дигарон ба ӯ менигаранд ва Худо ҷалол мeёбад.

## ИСО КОРҲОИ НЕК МЕКАРД



Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки Исо рафта, корҳои нек мекард Аъмол 10:38). Гоҳо Ӯ ба одамон таълим медод. Гоҳо Ӯ одамони беморро шифо медод. Оиди он мавриде ки Исо ба Бартимай ёрӣ дод, хон.

## ИСО БА БАРТИМАЙ ЁРӢ ДОД (Луқо 18:35–43-ро хон)

Бартимай шахси нобино буд. Рӯзе ӯ дар сари роҳи Ериҳӯ нишаста буд.
Ногоҳ ӯ садои гузаштани одамони бисёреро шунид. Ӯ пурсид, ки ин чӣ маъно дорад. Баъзеҳо ба ӯ гуфтанд, ки Исои Носирӣ гузашта истодааст. Он гоҳ Бартимай фарёд кард: “Исо, Писари Довуд, ба ман марҳамат кун!“ Баъзеҳо ба ӯ гуфтанд, ки хомӯш бошад ва дод нагӯяд.
Аммо Бартимай боз бештар фарёд кард: “Писари Довуд, ба ман марҳамат кун!”
Исо бозистод. Ӯ овози Бартимайро шунид ва ба одамон гуфт, ки вайро назди Ӯ оваранд. Ҳангоме ки Бартимайро назди Исо оварданд, Ӯ гуфт: “Ту чӣ мехоҳӣ, ки бароят бикунам?” Бартимай ҷавоб дод, “Худовандо, мехоҳам, ки чашмонам

бино шаванд”. Бартимай бино шудан мехост.
Исо донист, ки Бартимай ба Ӯ бовар дорад, ва Ӯ гуфт: “Бино шав! Имонат Туро шифо бахшид”. Бартимай дарҳол бино шуд! Ӯ Худоро ҳамду санои бисёр гуфт. Бисёр одамон, чун ин воқеаро диданд, ҳамчунин Худоро ҳамд гуфтанд.

**Фармони Масеҳро бифаҳм!**
Аз рӯи расмҳо кроссвордро пур кун!




ИСО ЧОР ҲАЗОР НАФАРРО СЕР МЕКУНАД (Марқӯс 8:1–9-ро хон)

Дафъаи дигар Исо бо одамони бисёр дар ҷои беодаме буд. Он одамон хеле гурусна буданд. Имкон дошт, ки Исо мардумро барои ба худашон пайдо намудани хӯрок фиристад, аммо онҳо хеле хаста шуда буданд.
Бинобар ин Ӯ якчанд нон ва моҳиро, ки онҳо доштанд, гирифт ва Худоро шукргузорӣ намуд. Сипас Ӯ ин хӯрокро пора кард, чунон ки он барои ҳама расид! Ин мӯъҷиза буд!

Ҳатто каме хӯрок зиёдатӣ кард! Исо ба одамони гурусна ёрӣ дод, ҳангоме ки онҳо ба худ ёрӣ дода наметавонистанд.

ОЯТ БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

“Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем” (Эфсӯсиён 2:10).
“Ҳамчунин имон низ, агар аъмол надошта бошад, ба худии худ мурда аст” (Яъқуб 2:17).

Дарси 12

## ОИЛАИ ХУДО

“Ман бародари ту ҳастам, инро фаромӯш накун”.

| |
|---|
| Ňũť ŤŦŞŮ8 Í ŖŦŧŦŤ ŗŤ ŚŞƸƸŖŨ ūŤ ţ, ŇŞťŖŧ ŗŖ ŘŖŦŖƸŞ ŧŖŘŤšŞŞ /0 ŭŖŘŤŗ Śś ĭ, |

“Оҳ!” – гуфт Рустам ҳангоме ки шохаи шикаста ба болои ӯ афтид. Вай зӯр зада, аз зери он хазида баромад. Ӯ Беҳрӯзро бардошт ва ба сӯи хона равона шуд.
Далер ва Расул ҳамаи воқеаро диданд. Онҳо то ҳадди имкон тез давида омаданд.
“Ваҳ!” – гуфт Далер, – “ин воқеаи ҳайратовар буд”.
“Рустам, аз афташ, ту маҷрӯҳ шудаӣ!”
“Чаро ту ин корро мекунӣ, Рустам? Чаро айби Беҳрӯзро рӯйпӯш мекунӣ ва имкон медиҳӣ, ки шоха туро занад?”
Ҳангоме ки Рустам ҷавоб дод, тахтапушташ ҳанӯз дард мекард. “Зеро”, – гуфт ӯ, – “медонед, Беҳрӯз бародари ман аст”. Акнун бачаҳо фаҳмиданд. Беҳрӯз қариб ғалтида мемурд! Рустам боқувват буд ва барои бародараш ҳар кори аз дасташ

меомадаро мекард. Ӯ барои ҳамаи аъзоёни оилааш ҳама корро мекард. Ин ба онҳо оилаи дигареро, оилаи Худоро ёдрас намуд.
Расул фикр кард, ки хеле хуб аст, ки оилаи Худо ҳаст. Ва фикр кардан оиди он ки ӯ дар он аст! Ӯ масеҳӣ буд ва бинобар ин ӯ дар оилаи Худо буд.
Вай фикр кард, ки чӣ қадар одамон дар тамоми ҷаҳон ба ин оилаи аҷоиб тааллуқ доранд.



МАСЕҲИЁН ОИЛАИ ХУДО МЕБОШАНД
Шумо медонед, ки ду бародар аз як оила буданд. Онҳо як падар доштанд. Ҳамаи масеҳиён аз як оила ҳастанд. Ҳамаи онҳо як Падари осмонӣ доранд. Агар ту масеҳӣ бошӣ, ту дар оилаи Худо ҳастӣ.

МАСЕҲИЁН БОЯД ЯКДИГАРРО ДӮСТ ДОРАНД (ЮҲАННО 13:34,35-ро хонед)
Ҳама дар ин оилаи Худо бояд якдигарро дӯст доранд. Исо гуфтааст: “Ба шумо ҳукми тозае медиҳам, ки якдигарро дӯст доред; чунон ки Ман шуморо дӯст доштам, шумо низ якдигарро дӯст доред. Аз рӯи ҳамин хоҳанд донист, ки шогирдони Ман ҳастед, агар якдигарро дӯст доред”. Исо ба ҳамаи масеҳиён фармудааст, ки якдигарро дӯст доранд. Агар масеҳиён якдигарро дӯст доранд, мардум инро мебинанд ва медонанд, ки онҳо масеҳиёнанд.

**Фармони Масеҳро биёб!**

*Пораҳои зеринро бо тартиб пайванд намо!*




МАСЕҲИЁН БОЯД ҲАМАРО ДӮСТ ДОРАНД

(Матто 5:44–48)

Дар ҷаҳон бисёр одамоне ҳастанд, ки масеҳиёнро дӯст намедоранд. Баъзеи онҳо масеҳиёнро бад мебинанд. Баъзеи онҳо ба масеҳиён зарар мерасонанд.

Оё масеҳиён ин одамонро бояд бад бинанд? Не. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки масеҳиён онҳоро набояд бад бинанд. Масеҳиён бояд онҳоро дӯст доранд ва барояшон дуо кунанд. Ҳатто одамони бадкирдор дӯстони худро дӯст медоранд. Аммо аз масеҳиёни ҳақиқӣ талаб карда мешавад, ки одамонеро, ки ба онҳо зарар мерасонанд, дӯст доранд.

Оё ту масеҳӣ ҳастӣ? Оё ту масеҳие ҳастӣ, ки одамонеро, ки туро дӯст намедоранд, дӯст медорӣ? Исо барои ин кор ба ту ёрӣ мерасонад.

**Калимаи калидӣ ёб!**

Номи ашёҳоро пайдо карда кроссвордро пур кун.



ЧӢ ГУНА МЕТАВОН УЗВИ ОИЛАИ ХУДО ШУД?

Ту хондӣ, ки ҳангоме Одам ва Ҳавво гуноҳ карданд, онҳо дигар наметавонистанд бо Худо қадамгузор бошанд ва бо Ӯ сӯҳбат кунанд. Онҳо гуноҳкор буданд. Аз он вақт ҳар як одам гуноҳкор аст ва наметавонад бо Худо қадамгузор бошад ва бо Ӯ сӯҳбат кунад.

Аммо Худо барои ҳалли ин масъала коре кард. Ӯ Исоро фиристод, то ки барои гуноҳҳои ҳама бимирад. Исо дар оилаи Худо буданро барои одамон имконпазир гардонд. Ҳар касе ки ба Исо чун ба Наҷотдиҳандаи худ бовар кунад, масеҳӣ аст. Масеҳӣ дар оилаи Худо аст. “Зеро ки ҳамаи шумо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ писарони Худо ҳастед” (Ғалотиён 3:26).

## ИСО ҲАМАИ МАСЕҲИЁНРО ДӮСТ МЕДОРАД

Исо медонад, ки киҳо масеҳӣ ҳастанд. Ӯ медонад, ки кӣ ба Ӯ тааллуқ дорад (2Тимотиюс 2:19). Ӯ ҳамаи аъзоёни оилаи Худоро ба таври махсус дӯст медорад ва барояшон ғамхорӣ мекунад.

## ИСО ҲАМАРО ДӮСТ МЕДОРАД (Матто 23:37–39)

Ту мехонӣ, ки Исои Масеҳ масеҳиёнро дӯст медорад. Исо ҳамчунин онҳоеро дӯст медорад, ки масеҳӣ нестанд. Ӯ мехоҳад, ки онҳо ба Ӯ бовар дошта бошанд ва итоат намоянд. Рӯзе Исо ба болои кӯҳе дар назди Уршалим баромада, дар ҷое нишаст. Ӯ ба Уршалим нигарист. Ӯ оиди ҳамаи одамони ин шаҳр фикр кард. Ӯ онҳоро хеле дӯст медошт! Ӯ мехост дар ҳаққи онҳо чун мурғе ки барои чӯҷаҳояш ғамхорӣ мекунад, ғамхорӣ кунад. Исо гирист, зеро Ӯ мехост ба онҳо ёрӣ диҳад, аммо онҳо нахостанд ба Ӯ итоат кунанд. Ӯ гуноҳҳои онҳоро дӯст намедошт, аммо онҳо ба Ӯ итоат кардан намехостанд. Ӯ гуноҳҳои онҳоро дӯст намедошт, аммо онҳоро дӯст медошт.

Дертар ин одамон Масеҳро ба салиб кашиданд. Агарчи онҳо Ӯро ба салиб кашиданд, Ӯ онҳоро ҳанӯз ҳам дӯст медошт. Ӯ гуфт: “Эй Падар! Инҳоро биомурз, зеро ки намедонанд чӣ мекунанд” (Луқо 23:34). Исо ҳатто кушандагони Худро дӯст медошт! Ӯ мехост, ки онҳо ба Ӯ бовар кунанд, то ки тавонанд дар оилаи Худо бошанд.

Ва Ӯ туро дӯст медорад. Ӯ мехоҳад, ки ту ба Ӯ чун ба Шахсе ки туро аз гуноҳҳоят наҷот медиҳад, бовар кунӣ. Он гоҳ ту низ метавонӣ дар оилаи Худо бошӣ. Агар ту масеҳӣ бошӣ, аллакай дар оилаи Худо ҳастӣ. Чун масеҳӣ ту бояд хоҳиш дошта бошӣ, ки ба Масеҳ пайравӣ кунӣ. Ту бояд ҳатто онҳоеро дӯст дорӣ, ки туро дӯст намедоранд.

Ту онҳоеро, ки дӯстат намедоранд, то чӣ андоза дӯст медорӣ? Оё ту ҳақиқатан ба онҳо ёрӣ додан мехоҳӣ?

## ОЯТҲО БАРОИ АЗ ЁД КАРДАН

"Ба шумо ҳукми тозае медиҳам, ки якдигарро дӯст доред; чунон ки Ман шуморо дӯст доштам, шумо низ якдигарро дӯст доред" (Юҳанно 13:34).

"Зеро ки ҳамаи шумо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ писарони Худо ҳастед" (Ғалотиён 3:26).

**Оё ояти калидиро меёбед?**

*Аз абри калон сар карда, ҳарфҳоро пайваст намо.*

